**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
(Суроға: 734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 8)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзуи «Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод шудааст.**

Ҳамгироии иқтисодӣ яке аз шартҳои асосии рушди пай дар пайи иқтисодиёти ҷаҳонӣ гардидааст, зеро он боиси афзоиши мубодилаи байналмилалии мол, хизмат, сармоя, моликияти зеҳнӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ мегардад. Омӯзиши равандҳои ҳамгироии ҷаҳонӣ ба самтҳои асосии рушди илми иқтисодӣ мансуб аст, зеро муҳимтарин хусусияти иқтисоди замони муосир афзоиши вобастагии байниҳамдигарии иқтисодиётҳои миллӣ, гузаштани мамлакатҳо аз шакли пӯшидаи хоҷагидорӣ ба иқтисодиёти кушоди босуръат ба шумор меравад.

Дар баробари ин, Тоҷикистон дар роҳи густариши ҳамгироии иқтисодии минтақа бо мушкилоти муайяне рӯ ба рӯ мешавад. Онҳо пеш аз ҳама, бо омилҳои объективии дохилӣ ва хориҷӣ, ба монанди нопурра будани раванди ислоҳоти иқтисоди миллӣ, рақобатпазирии сусти молҳои зиёди ватанӣ дар бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, рушди қаноатбахши роҳҳои нақлиётӣ дар шимол ва ҷанубу шарқи кишвар, муносибатҳои манфии баъзе кишварҳои ҳамсоя ба масъалаҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Тоҷикистон, вобаста мебошад.

Дар автореферат муаллиф қайд кардааст, ки шумораи зиёди асарҳои илмӣ ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳамгироии иқтисодӣ бо сохторҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва хусусиятҳои алоҳидаи он бахшида шудаанд, аммо мавзуи тақризшаванда, ки ба масъалаи қонуниятҳо ва

хусусиятҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир бахшида шудааст, то ҳанӯз актуалӣ ва мубрам ба шумор меравад.

Дар баробари ин, вазъияти зудтағйирёбандаи иқтисодии ҷаҳон ва сохторҳои иқтисодии ҳамгирой, тақозо менамояд, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ҳамгирой, ташаккули механизмҳои тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодий, самтҳои асосии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати иттиҳодияҳои ҳамгирой ва ворид шудан ба чунин сохторҳои ҳамгирой муфассалтар омӯхта шаванд, ки то ҳоло тадқиқоти пурраи илмиро тақозо менамояд.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки шароити муосир хусусияти асосӣ ин аз ҳамдигар вобаста будани иқтисоди мамлакатҳо, рушди равандҳои ҳамгирой ва гузариши мамлкатҳои тараққикарда аз иқтисоди миллии шакли пӯшида ба иқтисоди кушод мебошад.

Дар ин замина ҳамгироии иқтисодиро метавон ҳамчун раванди иттиҳоди иқтисодии байни кишварҳо фаҳмид, ки дар заминаи робитаҳои амиқу устувори хоҷагиҳои миллӣ дар натиҷаи бастани созишномаҳои ҳамкорӣ ташаккул меёбад.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф тавонист муайян кунад, ки дар шароити муосир ҳамгироиро ҳамчун раванди муттаҳидшавии иқтисодӣ ва сиёсии кишварҳо дар асоси робитаҳои амиқ ва устувори иқтисодӣ метавон фаҳмид, ки натиҷаи он танҳо рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Дар баробари ин, ба ақидаи мо, дар автореферати диссертатсия як қатор норасоиҳо мавҷуданд:

1.Дар расми 1. (саҳ.11) марҳилаҳои ҳамгироии иқтисодӣ оварда шудааст. Беҳтар мешуд, агар муаллиф дар баробари овардани марҳилаҳои ҳамгироии иқтисодӣ шарҳу эзоҳи бештарро пешниҳод менамуд.

2.Дар баробари таҳлили сохторҳои ҳамгирой, оид ба фаъолияти Созмони умумиҷаҳонии савдо маълумотҳо аз мадди назари муаллиф дур мондааст.

Новобаста аз камбудиҳои ҷойдошта, таҳлили васеъи маводҳо ба муаллиф имконият додааст, ки дар автореферат хулосаҳои илман асоснокро пешниҳод намояд. Натиҷаҳои асосии тадқиқоти илмӣ дар маҷалаҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуда, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ пешниҳод гардидаанд.

Аз таҳлили маводҳои ҷойдошта ба хулосае омадан мумкин аст, ки автореферати диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзуи «Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир», ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30.06.2021, №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Муовини директор оид ба илми**
**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Мирсаидов А.Б.**

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44
Телефон: (992 37) 2215765,
E-mail: info@ied.tj
Сомона: http://ied.tj

Имзои Мирсаидов А.Б.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо Зиёева М.С.

Сана «07» 03 2025